ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод дар мавзуи "Масоили таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Таҳқиқоти диссертатсионии Тағозода А.С. фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро, ҳарчанд дар рисолаҳои илмӣ, асарҳову мақолаҳои олимони ватанӣ баъзе паҳлуҳои масоили шарикӣ дар ҷиноят аз рӯи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ дар доираи маҳдуд вобаста ба дигар мавзӯҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи мазкур ҷой надоранд. Новобаста аз он ки саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти масоили матраҳшаванда назаррас аст, аммо то ҳол баъзе паҳлуҳои масъалаи таъини ҷазо барои шаиркӣ дар ҷиноят ва масъалаҳои банду басти он ба тадқиқоти маҷмӯии мушаххас ниёз дорад.

Дар асоси гуфтаҳои зикргардида таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба шарикӣ дар ҷиноят, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шарикӣ дар ҷиноят, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

Афзалият додан ва диққати махсуси давлат ба арзишҳои иҷтимоӣ талаб менамоянд, ки ҳифзи қонунии мутобиқ ба муқобили рафторҳои зидди иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин самт пеш аз ҳама ҳифзи арзишҳои бо қонуни ҷиноятӣ муайянгардида ва мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд.

Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеаи Тоҷикистон ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ воситаи асосии мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ боқӣ монда, таъминкунандаи вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Дар ин раванд, дар заминаи ақидаҳои илман асоснок ва меъёрҳои мукаммали ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳал намудани праблемаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъини ҷазои ҷиноятӣ барои шариконӣ ҷиноят муҳим арзёби

мегардад. Зеро, дар сохтори ҷиноятҳои гурӯҳӣ пайваста тағйиротҳои сифатӣ ба назар расида, он ба иттиҳодшавӣ, муттаҳидшавии элементҳои криминалистӣ оварда расонида, боиси васеъшавии восита ва метоҳои фаъолияти ҷиноятҳоронаи иштирокчиёни ҷиноятҳои гурӯҳӣ гаридидааст.

Аз ин лиҳоз, масъалаи таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ ва илман асоснокро танҳо ба хотири ҷазои сазовор гирифтани шариконӣ ҷиноят, таъмин намудани принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгории шариконӣ ҷиноят, тақозо менамояд.

Ҳамчунин, чораҳои қонуни ҷиноятӣ танҳо дар доира ва ба хотири расидан ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба шарикони ҷиноятӣ ва мақсадҳои дар назди ҷазо гузошташуда мебошад, ки ин моҳияти яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Тавре аз б. 3 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, №1005 бармеояд, сиёсати ягонаи ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равияҳои замонавии инкишофи ҷомеа асос ёфта, дар натиҷаи таҷриба ва асосноккунии илмӣ, тасаввуроти фундаменталии дурнамои наздик ва дарозмуддати давлати Тоҷикистон ва ҷомеа дар самти мазкур зарур мебошад.

Вобаста ба ин, тағйиротҳои дар оламӣ ҷиноятӣ бавуҷудомада дар содиркунии баъзе намуди ҷиноятҳо, аз қабили тероризм, экстримизм, гардиши ғайриқонунии маводҳои мухадир, таъмаҷуӣ, ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ғайра, ки дар аксар ҳолатҳо дар шарикӣ содир гардида, онҳо ҳато ба фаъолияти ҷиноятӣ мубадал гардидаанд, ба қадри зарурӣ аҳамияти иҷтимоии мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро афзун менамояд.

Масоили шарикӣ дар ҷиноят қатъи назар аз таърихи ташаккули он то айни замон ба ҳайси яке институти мураккаб ва баҳсталаби илми ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ мондааст. Аз ин лиҳоз ба муҳимияти иҷтимоии он нигоҳ накарда, зарурияти ташаккули роҳоии илман асоноккардашудаи тафриқаандозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва фардикунонии таъини ҷазои шарикони ҷиноят аз рӯи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ намебошад.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мубрам буда, саривактӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Тағозода А.С. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Тағозода А.С. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод дар мавзуи “Масоили таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянин Россия-Тоҷикистон,

Сафарзода Ҳаёт Сайдамир –номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи муқовимат бо терроризм ва тартиботи ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 4 феврали соли 2023, соати 14:00 дақиқа таъин карда шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Зоир Ҷ.М.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М.

08. 11. 2022 г.